«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Файзулло М.Қ.____________
«__27__»____05____ 2023с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон

Рисолаи номзадии Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Ҳакимов М.Қ., соли 2007 факултети ҳуқуқи Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «юриспрудентсия» (ҳуқуқшиносӣ) хатм намудааст.

Дар давраи омода намудани рисолаи номзадӣ, унвонҷӯй Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳайси муаллими калон ва аз моҳи октябри соли 2022 то ба ҳол, сардори шуъбаи корҳои тарбиявӣ ва сиёсати ҷавонони Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон кору фаъолият менамояд.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳоноти номзадӣ аз 23 апрели соли 2020 таҳти рақами №478 дода шуда буд.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳоноти номзадӣ аз 16 декабри соли 2020 таҳти рақами №4125 дода шуда буд.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Элназаров Давлатшо Хоҷаевич, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии

факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон мебошад.

**Аз рӯйи муҳокима хулосаҳои зерин қабул гардид:**

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқоти рисолаи номзадӣ ба эътибори назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба ташаккули механизмҳои ҳуқуқии амалии муттаҳидсозии талошҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳракҳову деҳот ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, ташкилию ҳуқуқии онҳо дар соҳаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад. Вазифаҳои муҳимтарини ҳар як давлат, таъмини тадбиқи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд, ки бо воситаи қонун ва Конститутсияи кишвар муқаррар карда шудаанд. Ҳалли ин мушкилот тадбиқи вазифаҳои мураккаби ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки бо заминаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, ҳаёти ғоявии ҷамъиятӣ ва давлатии кишвар алоқаманд мебошанд.

Дар ин маврид ба ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳар дафъа дар пайёмҳояш бе истисно ба амнияти ҷомеа ва давлатдории Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд, диққат бояд дод. Аз ҷумла, дар бораи амният дар соҳаи сиёсӣ ва иқтисодӣ, рушди устувори кишвар ва таъмини амнияти он, таъмини амният ва субот дар Осиёи Марказӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи амният, таъмини амният дар минтақа, амнияти озуқаворӣ, амнияти саломатии аҳолии кишвар, таъмини амният дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, субот ва амнияти тамоми сайёра, амнияти миллӣ ва ғайра.

Дар воқеъ, масъалаи таъмини амнияти миллӣ дар қонунгузории кишвари мо бисёрҷанба мебошад. Ба назари унвонҷӯ, масъалаи баррасишаванда аз бунёдии ҳуқуқӣ асос ёфтааст, ки дар он меъёрҳои Конститутсияи кишвар аҳаммияти асосӣ доранд. Таъсири конститутсионӣ ба муносибатҳо дар соҳаи амнияти миллии мамлакати мо, тавассути амали санадҳои ҳуқуқие, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон бармеоянд ва муқаррароти онро дар ин самт муфассал баён менамоянд, таъмин карда мешавад.

Шайъи муҳимми институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ин ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Аҳаммияти маънии моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки ҳуқуқи инсон дар ҳама давру замон арзиши олӣ, меъёри арзёбии бисёр муносибатҳои асосии ҷамъиятӣ буд. Ин дорои аҳаммияти аввалиндараҷа буда, бояд аз ҷониби давлат кафолат ва таъмин карда шавад. Назарияи ҳуқуқи инсон ба рушди бисёр институтҳои ҷамъиятӣ ва аз ҷумла имрӯз ба ташаккули институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ ҳамчун ҷузъиёти муҳимми системаи босуръат рушдёбандаи амнияти миллӣ таъсири калон расонидааст. Яке аз хусусиятҳои муҳимми ягонагии давлатдории тоҷик ва сохти конститутсионӣ дар принсипи ягонагии низоми ҳокимияти давлатӣ зоҳир мегардад, зеро он метавонад ҳамчун оқибати ниҳоии он баррасӣ карда шавад, ки тибқи Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар Тоҷикистон халқ дорандаи соҳибихтиёрӣ ва манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки онро бевосита ва инчунин тавассути намояндагони худ амалӣ менамояд» (қисми 1, моддаи 6 Конститутсияи ҶТ). Маҳз ҳамин асл амнияти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳибихтиёрии он, тамомияти арзии онро (моддаи 7 Конститутсияи ҶТ) пурра кафолат дода, фаъолияти муташаккили тамоми механизми давлатиро оид ба иҷрои вазифаҳои давлати мо дар пуррагӣ ва гуногунрангии онҳо таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, ҷанбаи такмили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва меъёрии амнияти миллӣ на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки ҳангоми татбиқи ояндаи ислоҳоти ҳуқуқии механизми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъмин карда мешавад. Ин ва дигар ҳолатҳо аҳаммияти мавзуи рисолаи номзадиро муайян мекунанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи мазкур дар чаҳорчӯбаи барномаи таҳқиқотии дарозмуддати корҳои илмӣ, дар

кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқушиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, муддати солҳои 2018-2023 анҷом дода шуда ва бо самтҳои махсуси таълимии «Масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақа», «Асосҳои ҳуқуқии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар шохаҳо робита дорад.

**Асоси назариявии таҳқиқоти** рисолаи илмии номзадӣ корҳои бунёдии олимони намоёни Тоҷикистон ва Россия мебошад.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар соҳаи таъмини ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ амалӣ карда мешаванд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** асоси ҳуқуқи фанҳои конститутсионӣ, назариявӣ, меъёрӣ ва дигар фанҳои илмиро ташкил медиҳад, ки мундариҷаи мавзуъро муайян мекунанд ва ҳамзамон ба таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд.

**Асоси эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз** муқаррароти назариявии ҳуқуқи конститутсионӣ, мурофиаи суди конститутсионӣ ва дигар илмҳои марбут ба таъмини амнияти миллӣ истифода шудаанд. Бо мақсади муайян кардани мавзуи таҳқиқоти рисолаи номзадӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин таҳлил карда шуданд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, санадҳои қонунӣ, Конститутсияи Федератсияи Россия ва ИДМ, инчунин дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба таъмини амнияти миллӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ бо баррасии маҷмуии масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда** натиҷаҳои илмии бадастомада буда, аз навгониҳои илмӣ ва пуррагии таҳқиқот шаҳодат медиҳанд. Хулосаҳо ва муқаррароти рисолаи номзадӣ бо доираи васеи далелҳо хуб асос ёфтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз он иборат аст,** ки унвонҷӯ ҳангоми гузаронидани натиҷаи таҳқиқоти маҷмуи муаллифӣ дар соҳаи ба даст овардани натиҷаҳои назариявӣ ва амалии боэътимод бо назардошти аҳаммияти амалии онҳо дар соҳаи фаъолияти субъектҳое, ки ваколатҳои онҳо бо таъмини амнияти давлатӣ алоқамананд, мустақилият нишон додааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои** таҳқиқоти илмӣ дар суханрониҳои муаллиф, зимни конференсияҳои илмӣ ва амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ дар доираи чорабиниҳои илмии донишгоҳ, баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи VI байналмилалии илмӣ-амалӣ – маърӯза дар мавзуи «Масъалаҳои актуалии амнияти миллӣ ва минтақавӣ дар Федератсияи Россия ва марҳилаи ҳозира». – Душанбе, 31-уми октябри соли 2018;

– Конференсияи XIII байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявии ҳуқуқшиносӣ ва масъалаҳои иҷрои қонунҳо» – маърӯза дар мавзуи «Таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ дар Тоҷикистон». – Москва, соли 2021;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва амалӣ: Инноватсия дар ҷаҳони муосир» – маърӯза дар мавзуи «Механизмҳои принсипи конститутсионӣ оид ба таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – ш. Уфа, соли 2022.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– мизи мудаввар таҳти унвони «Экстремизми динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилоти назария, ҳуқуқӣ ва амалӣ» – маърӯза дар мавзуи «Терроризми байналмилалӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ». – Душанбе, 20-уми ноябри 2015;

– дастгирии ҳуқуқии амнияти миллӣ ва минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар шароити муосир: мушкилот ва дурнамо. – Душанбе, соли 2017;

– таъмини амнияти сайёҳон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ // Маърӯзаи мизи мудаввар «Мушкилоти актуалӣ ва имкониятҳои потенсиалии туризми тандурустӣ дар Тоҷикистон». – Душанбе, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, 18 марти соли 2020;

– «Меъёрҳои конститутсионӣ ва таҳлили мувофиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ», конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. – Душанбе, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, 26 майи соли 2023.

**Тавсияҳои амалии натиҷаҳои диссертатсия ва истифодаи онҳо** имкон медиҳанд, ки роҳҳои ташаккули падидаи мазкур, табиати ҳуқуқӣ ва мавқеи он дар ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ва нуктаҳои илмию пешниҳодҳои амалии дар он инъикосгардида, метавонанд дар такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва таъмини амнияти миллӣ саҳмгузор бошанд. Илова бар ин, муқаррароти назариявии таҳқиқотро метавон дар раванди таълим ҳамчун маводи иловагии илмӣ, ҳангоми омӯзиши курсҳои «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар шохаҳои ҳуқуқшиносӣ истифода бурд. Муқаррароти асосии таҳқиқот ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯён, инчунин барои такмили ихтисоси кормандони давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳамчун дастурамали илмӣ лозим шуморидан аз эҳтимол холӣ нест.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** дар корҳои интишоршудаи асосии муаллиф, аз он ҷумла, 17 мақолаи илмӣ, ки 9-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ нашр гардидааст, инъикоси худро ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ,

муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) таркиб ёфтааст.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳвӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

2. Диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон қабул карда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 7 нафар, «зид» нест, «худдорӣ кард» нест, «бетараф» нест, суратҷаласаи №10 аз 26 майи 2023 сол.

**Раисикунандаи ҷаласа:** д. и. ҳуқуқшиносӣ,
профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон **Золотухин А.В.**

**Котиби ҷаласа:** лаборанти
калони кафедра **Лютфиллозода Т.Л.**

Имзои Золотухин А.В. ва Лютфиллозода Т.Л.-ро
тасдиқ мекунам:
**Сардори ШК ДСРТ** **Раҳимов А.А.**
**«27» 05 2023с.**